«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор Насриддинзода Э.С.
____________________
«28» ______________ 2025 с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи "Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Олимбекзода Фахрия Олимбек унвонҷӯйи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Олимбекзода Фахрия Олимбек соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси иқтисод ва идораи сайёҳӣ хатм намудааст. Олимбекзода Фахрия Олимбек соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2023 хатм кардааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Олимбекзода Фахрия Олимбек дар ҷаласаи Шурои олимони факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз санаи 28 октябри соли 2023, протоколи № 03 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ғаюров Ғайрат Ҳакимович таъин шудааст.

Олимбекзода Фахрия Олимбек имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 5 (аъло), суратҷаласаи №4 аз 27.02.2024, таърих ва фалсафаи илм 4 (хуб), суратҷаласаи №34 аз 15.12.2023 ва имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло), суратҷаласаи №110 аз 16.09.2025 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

Диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар ҷаласаи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2025, суратмаҷлиси №03 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудӣ ва пешниҳодҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**1. Баҳои кори иҷрошуда.** Низоми хизматрасониҳои бонкӣ аз нигоҳи иқтисодӣ метавонад заминаи мусоиди рушди иҷтимоӣ-иқтисодиро дар кишвар вусъат бахшад ва ҷараёни муносибатҳои муштариёнро бо ташкилотҳои қарзӣ густариш диҳад. Ташкили низоми босамари хизматрасониҳои бонкӣ, ки талаботи муштариёнро пурра қонеъ сохта, ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ таъсири мусбӣ мерасонад, бояд ҳадафи асосии низоми бонкӣ арзёбӣ гардад. Метавон қайд намуд, ки тайи солҳои охир дар низоми молиявӣ – бонкии ҷаҳон тағйиротҳои зиёде мушоҳида мешаванд, ки раванди инкишофи босуботи низоми хизматрасониҳои бонкиро халалдор менамоянд. Буҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ, ки пайваста ба амал меоянд, ба низоми бонкӣ низ таъсири манфии худро мерасонанд. Ин омил тақозо менамояд, ки ташкилотҳои қарзӣ дар бозор фаъолияти худро мутобиқ ба шароити навини иқтисодӣ роҳандозӣ намоянд ва доираи маҳсулотҳои пешниҳодшавандаро тақвият бахшанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таъсири буҳронҳои молиявӣ ба низоми бонкӣ ва фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ зиёд аст ва таъмини рақобатпазирии баланд ва таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ метавонад рушди низоми хизматрасониҳои бонкиро ба роҳ монад ва фаъолияти самараноки онҳоро татбиқ созад.

**2. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Саҳми шахсии муаллиф аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба асосноккунии нишондиҳандаҳои алоҳидаи бозори хизматрасонҳои бонкӣ ва арзёбии самтҳои афзалиятноки рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ ба шумор рафта, коркард, таҳлил ва тавсияву хулосаҳо доир ба омӯзиши таҳлилии онҳо иборат мебошад. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои молиявӣ, метавонанд мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд.

**3. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Дар таҳқиқоти анҷомгардида ҳамаи он масъалаҳое, ки дар инкишофи низоми бонкӣ ва таъсири низоми бонкӣ ба иқтисодиёт таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ гардидаанд. Ҳамчунин тамоми масъалаҳо ва пешниҳоду арзёбиҳо бо далелу рақамҳои оморӣ, ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида асоснок карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

**4. Мақсади таҳқиқот.** Таҳқиқи мушкилоти марбут ба ҷанбаҳои назариявии низоми хизматрасониҳои бонкӣ, инчунин таҳлили вазъи зерсохтори низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити таҳкимёбии иқтисоди рақамӣ оид ба дурнамои рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

**5. Навигарихои илмии таҳқиқот.** Навигарихои илмии таҳқиқот дар баррасӣ ва таҳқиқи паҳлӯҳои назариявӣ – амалии низоми хизматрасониҳои бонкӣ, таҳлили вазъи зерсохтори низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити таҳкимёбии иқтисоди рақамӣ бо мақсади таҳкими самтҳои афзалиятноки рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос меёбад.

**Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки аз навгониҳои илмӣ иборатанд, инҳо ба шумор мераванд:**

– дар асоси пажӯҳиши асосҳои назариявӣ, консепсияҳо ва андешаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ муайян гардид, ки муаллиф ҷанбаҳои иқтисодиву ташкилии рушди самтҳои асосии низоми хизматрасониҳои бонкиро мушаххас намуда, сохтори низоми хизматрасониҳои бонкиро дар заминаи иқтисодиёти инноватсионӣ гуруҳбандӣ намояд ва воситаҳои такмилдиҳии онро пешниҳод намояд, илова ба ин низоми хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун маҷмӯи маҳсулотҳо, амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ, ки метавонанд ба фарогирии молиявии аҳолӣ таъсири мусбӣ расонанд арзёбӣ гардидааст;

– хусусиятҳои истифодаи таҷрибаи хориҷӣ ва роҳу механизмҳои истифодаи он дар низоми хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, пешниҳод гардидааст, ки дар асоси пажӯҳиши паҳлуҳои бунёдӣ, ташкилӣ ва иқтисодии рушди самтҳои асосии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар кишварҳои хориҷ имконият фароҳам меоянд, ки низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар кишвар такмил дода шавад, илова ба ин василаҳо ва роҳу усулҳои татбиқи таҷрибаи хориҷӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳод карда шудааст;

– мушаххас гардид, ки дар шароити муосири иқтисодӣ барои рушди бемайлони низоми хизматрасониҳои бонкӣ таҳияи заминаи мушаххаси институсионалӣ зарур мебошад ва нишондиҳандаҳои низоми хизматрасониҳои бонкӣ инъикос намуданд, ки дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ, тариқи фосилавӣ аз баргузидатарин самти низоми хизматрасониҳои бонкӣ гардида истодааст, ки ин бояд аз ҷониби ташкилотҳои қарзии дар низоми хизматрасониҳои бонкӣ амалкунанда ба инобат гирифта шавад, илова ба ин, инфрасохтори пардохтӣ аз ҷумлаи асосҳои бунёдӣ ва самти калидии рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ арзёбӣ гардида, мукаммалгдории он бо роҳи тақвияти фаъолияти инноватсионии ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод гардид, ки боис мешавад бонкдории электронӣ дар кишвар таҳким ёбад ва пояҳои асосии он рушд кунад;

– муаммоҳои дар низоми хизматрасониҳои бонкӣ ҷойдошта ошкор шуда, он омилҳое, ки метавонанд ба ҷараёни фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ таъсири манфӣ расонанд, гуруҳбандӣ гардида, мушаххас гардид, ки сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ, сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, инфрасохтори дастраскунии маҳсулотҳои бонкӣ, тартиби пешниҳоди хизматрасониҳо, мутобиқати хизматрасониҳо ба талаботи муштариён ва рушд наёфтани хизматрасониҳои фосилавӣ ба ҷараёни такмилёбии низоми хизматрасониҳои бонкӣ таъсири манфӣ мерасонанд, ҳамзамон роҳу василаҳои баландбардории сифати маҳсулотҳои бонкии пешинҳодшаванда муайян гардида, стратегияи рушди минбаъдаи низоми хизматрасониҳо коркард карда шуд ва дар асоси

таҳияи моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ дурнамои рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ таҳия гардид.

**6. Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Муқаррароти назариявӣ ва амалии анҷомшуда дар диссертатсия метавонанд дар раванди омӯзиши фанҳои амалиёти бонкӣ, менеҷмент ва маркетинг дар бонкҳо, технологияҳои инноватсионӣ дар бонкҳо, фаъолияти бонкӣ ва рушди устувори низоми бонкии кишвар истифода шаванд. Хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур метавонад зимни корҳои илмӣ вобаста ба низоми хизматрасониҳои бонкӣ, рушди бонкдории электронӣ, тақвияти низоми пардохтӣ, амалиётҳои ҷудогонаи бонкӣ, истифодаи технологияи бонкӣ дар ҷараёни фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, рақамикунонии фаъолияти бонкҳо, баландбардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва коркарди маҳсулотҳои нави бонкӣ мавриди истифода қарор гиранд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмӣ – амалӣ ва илмӣ – назариявӣ, семинарҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва конфиренсияҳои байналмилалӣ таи солҳои 2020-2025 маърӯза шудаанд.

**7. Мутобиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ҷавобгӯ мебошад: б. 10.1 – Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; б. 10.10 – Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ; б. 10.15 – Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ; б. 10.19 – Методология ва механизми ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ ва б. 10.22 – Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ.

**8. Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.**

Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва раванди баргузор кардани дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ пешниҳод карда шудаанд.

**9. Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар конференсияҳои ҳарсолаи ҳайати профессорону устодон ва кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ироа гардидаанд. Нуктаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ дар якчанд конференсияҳои илмию назариявии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ маърӯза карда шудааст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конфиренсияҳо ва семинарҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ (2020–2025) муҳокима шудаанд. Аз ҷумла, дар конфиренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500 – солагии Саразми бостонӣ», «700- солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли

Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» -Душанбе 2020с, Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои такмили механизми молиявию қарзии рушди иқтисодиёти миллӣ”// Душанбе, 5 октябри соли 2021с, Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир» (Душанбе, 25 - ноябри соли 2022), Сборник научных трудов / Под общей редакцией З.О.Адамовой. – Симферополь/ Общество с ограниченной ответственностью “Издательство Типография Ариал”, 2022. мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**10. Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 15 мақола (дар ҳаҷми 7,5.ҷ.ч.) ба нашр расидааст, ки аз инҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**11. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм.**

Мавзуи кори илмӣ дар доираи татбиқи стратегияву барномаҳои давлатии сатҳи миллӣ ва соҳавии дар ҶТ қабулшуда таҳия карда шудааст: «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №392), «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022–2026» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №314), «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636), «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642) ва нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар доираи мавзуи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ» ҷавобгӯ мебошад.

**12. Мавҷудияти санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот.**

Санади тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот аз Раёсати КВД БА ҶТ “Амонатбонк” аз 06.06.2025, № 3001/23-1491 ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 04.11.2024, № 528-1/дс мавҷуд мебошад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ ВОБАСТА БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. Олимбекзода Ф.О. Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба танзими давлатии бахши бонкӣ [Матн]/ Ф.О. Олимбекзода, А.К. Қурбонов, С.П. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2022. №7. –С.71-77. (ISSN 2413-5151).

[2-М]. Олимбекзода Ф.О. Таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ [Матн]/ Ф.О. Олимбекзода, Ғ.Ҳ. Ғаюров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2023. №8. –С.170-177. (ISSN 2413-5151).
[3-М]. Олимбекзода Ф.О. Масоили тақвияти хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақаҳои мамлакат [Матн]/ Ф.О. Олимбекзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2023. №12. –С.51-56. (ISSN 2413-5151).
[4-М]. Олимбекзода Ф.О. Гурӯхбандии хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосири иқтисодӣ [Матн]/ Ф.О. Олимбекзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2024. №10/1. –С.149-156. (ISSN 2413-5151).
[5-М]. Олимбекзода Ф.О. Такмили низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити иқтисодӣ [Матн]/ Ф.О. Олимбекзода // Паёми Донишгоҳи молия ва иқтисод. 2024. №3(42). –С.5-16.
[6-М]. Олимбекзода Ф.О. Таснифот ва сохтори хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ дар низоми хизматрасониҳои бонкии муосир [Матн]/ Ф.О. Олимбекзода , Ғ.Ҳ. Ғаюров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2025. №4. –С.125-131. (ISSN 2413-5151).
[7-М]. Олимбекзода Ф.О. Масоили рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар таҷрибаи хориҷӣ [Матн]/ Ф.О. Олимбекзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2024. №2(57). –С.418-424. (ISSN 2308-054X).
[8-М]. Олимбекзода Ф.О. Баррасӣ ва таҳлили тамоюли рушди низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]/ Ф.О. Олимбекзода // Маҷаллаи илмию сиёсии "Идоракунии давлатӣ"- Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2025. №2(73). –С.225-236. (ISSN 2664-0651).

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конфронсҳо:**

[9-М] Олимбекзода Ф.О. Пути повышения конкурентоспособности кредитных организаций в условиях высокого риска [Матн] / Ф.О. Олимбекзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ бахшида ба ҷашнҳои « 5500 – солагии Саразми бостонӣ», « 700- солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва « Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф ( солҳои 2020-2040)», (5-уми октябри соли 2020). – Душанбе, -С. 627-628.
[10-М]. Олимбекзода Ф.О. Пути повышения эффективной деятельности коммерческих банков в Республике Таджикистан [Матн] / Ф.О. Олимбекзода, Ш.И. Ҳафизов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи: «Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19», (11-уми декабри соли 2020). – Душанбе, -С. 287-293.

[11-М]. Олимбекзода Ф.О. Нақши низоми рейтингии “Camels“ дар самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ [Матн] / Ф.О. Олимбекзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои такмили механизми молиявию қарзии рушди иқтисодиёти миллӣ”, (5-уми октябри соли 2021). – Душанбе, - С. 67-74.
[12-М]. Олимбекзода Ф.О. Оид ба масоили хавфи қарзӣ ва идоракунонии он дар шароити муосир [Матн] / Ф.О. Олимбекзода, К.Ф. Сайфуров // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “ Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус ( COVID-19), (11-уми декабри соли 2021). – Душанбе, - С. 57-64.
[13-М] Олимбекзода Ф.О. Рушди бонкдорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ / Ф.О. Олимбекзода, М.М. Сафаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир», (25-уми ноябри соли 2022). – Душанбе, - С. 86-92.
[14-М] Олимбекзода Ф.О. Оид ба баланд бардории сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ф.О. Олимбекзода, Ш.М. Буриев // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Механизмҳои молиявию қарзии татбиқи хадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон”, (18-уми феврали соли 2022). – Душанбе, - С. 49-54.
[15-М] Олимбекзода Ф.О. Влияние банковского финансового потенциала на развитие национальной экономики/ Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства / Ф.О. Олимбекзода, Ғ.Ҳ. Ғаюров // Маҷмааи мақолаҳои илмии олимон, (18-уми феврали соли 2022). – Симферопол, - С. 164-167.

Дар ҷаласаи навбатии кафедраи кори бонкӣ иштирок доштанд: ҳамагӣ – 23 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 19 нафар. Аз ҷумла: д.и.и., профессор 6 нафар, н.и.и., дотсент 11 нафар, муаллими калон 2 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 19 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Дар асоси натиҷаи овоздиҳӣ,

**ҷаласаи кафедра қарор қабул кард:**

1. Муҳтавои дар баромади довталаби илмӣ Олимбекзода Фахрия Олимбек оид ба таҳқиқот дар мавзуи “Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ироагардида, тақризҳои муқарризони холис - н.и.и., дотсент Қодиров А.В., н.и.и., дотсент Сайфуров К.Ф., н.и.и, дотсент Ҳалимов Л.М. ва хулосаи роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ғаюров Ғ.Ҳ. ба инобат гирифта шавад;
2. Диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи “Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз руйи ихтисоси: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз кори илмии анҷомёфта ва ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқгардида ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295 ба он тағйиру иловаҳо ворид шудааст, ҷавобгӯ ҳисобида шавад;

3. Диссертатсияи Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи "Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз руйи ихтисоси: 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад;

Қарор дар маҷлиси кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон протоколи №03 аз 25-уми октябри соли 2025 қабул гардид.

**Раис:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
кори бонкии ДМТ **Сайфуров К.Ф.**

**Котиб:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
кори бонкии ДМТ **Худойназаров Д.А.**

Дурустии имзоҳои Сайфуров К.Ф. ва Худойназаров Д.А.- ро тасдиқ мекунам.

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**